O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI

OLIY TA’LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

# FarDU. ILMIY XABARLAR

1995-yildan nashr etiladi
Yilda 6 marta chiqadi

1-2024

# НАУЧНЫЙ ВЕСТНИК. ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

**R.D.Dehqonov**
Bolalarni qo‘g‘irchoq teatri orqali tarbiyalashning o‘ziga xos ahamiyati ....................................194
**X.M.Xoshimxonov**
Xoja Ahmad Yassaviyning irfoniy – falsafiy qarashlari ............................................................198
**M.A.Muxiddinova**
Bo‘lajak musiqa o‘qituvchilarining jamoaviy ijodiy, kasbiy va texnik tayyorgarligining pedagogik xususiyatlari ...........................................................................................................204
**Y.A.Saidova**
O‘smirlarda ishonch hissi va uning ijtimoiy-psixologik xususiyatlari .........................................208
**Sh.A.Mamajonov, X.M.Jo‘rayev**
Bo‘lajak kimyo o‘qituvchilarida ekologik kompetentlikni shakllantirish .....................................213
**M.M.Azizov**
Skandinavcha yurish sport-sog‘lomlashtirish dasturlarini optimallashtirishning asosiy vositasi sifatida ........................................................................................................218
**D.V.Vohidova**
Xoja Abdulxoliq G‘ijduvoniy ustoz-shogird sifatlari haqida .......................................................223
**X.X.Raxmatova**
Murosa falsafasiga doir tushunchalarning tasavvufiy mohiyati ................................................227
**X.X.Raxmatova**
Ma’rifatli jamiyat qurishda Xoja Ahror Valiy murosaga oid qarashlarining ahamiyati ................232
**O.L.Berdiyev**
Abu Ali Ibn Sino va Nosiruddin Tusiyning falsafiy qarashlari ..................................................237
**D.D.G‘ulomov**
Abdulla Qodiriy ijodida retrospektiv syujet (“Mehrobdan chayon” romani misolida) .................243
**D.I.Gulamova**
Interpretation of euphemisms used in social life ......................................................................246
**M.K.Juliyev, L.A.Gafurova, M.D.Xolmurodova, B.E.Abdikairov**
O‘zbekistonda tuproq eroziyasining sabablari va eroziyaga tasir qiluvchi omillar ....................250
**B.O.Komilova, M.R.Toxirova**
Yuqori sinf o‘quvchilarining aqliy faoliyatiga jismoniy mashqlarning ta’siri ...............................254
**B.O.Komilova**
Ichak turli bo‘limlaridagi fermentlar faolligining ayrim gormonlar ta’sirida o‘zgarishi .................257
**Z.M.Otaxonova, J.M.Otajonov**
Talabalarni xalq pedagogikasi asosida milliy ruhda tarbiyalashning o‘ziga xos xususiyatlari ..................................................................................................................260
**A.I.Mirzoyev, M.A.Mamasoliyeva, J.M.Turdaliyev, B.D.Raxmonov, Sh.Sh.Turg‘unboyev, I.A.Xudoynazarov**
Navoiy viloyati sho‘rlangan tuproq tarkibidagi tuzlarni yuvish uchun kimyoviy melioratsiya usulidan foydalanish istiqbollari ...........................................................................263
**Sh.K.Abduraxmonov**
Chaqiriqqacha harbiy ta’lim kursantlarida kasbiy madaniyatni rivojlantirish metodikasi va pedagogik shartlari .........................................................................................................270
**U.R.Radjapov, K.B.Xakimdjanova**
Maktabgacha ta’lim muassasi tarbiyalanuvchilarini harakatli o‘yinlar orqali bolalar psixologiyasini va nutqini rivojlantirish usulublari .....................................................................275
**O.Ortiqov**
Mustaqillik davrida ijtimoiy-falsafiy tadqiqotlar tahlili (1990-1994 yillar)....................................279
**A.R.Jo‘rayev**
Minnatdorchilik bildirish nutqiy janrining lingvistik xususiyatlari.................................................283
**M.C.Курбоналиэва**
Муаррифии чанд тазкираи умумии шоирони асри xviii .......................................................286
**X.A.Lutfullayeva**
Problems of developing self-educational skills of students ......................................................293
**Р.Абдуллаев**
Татаббуъоти Амир Муиззӣ ба қасидаҳои Унсурии Балхӣ ...................................................298

XOTIRA

**Ustoz Muxammadjon Qoraboyevning yorqin xotirasi** ........................................................304

UDK: 821.222.1=222.8.09-94"17" DOI: 10.56292/SJFSU/vol30_iss1/a159

# XVIII ASR SHOIRLAR UMUMIY TAZKIRALARINING TAVSIFI (HIND ADABIY MUHITI MISOLIDA)

# МУАРРИФИИ ЧАНД ТАЗКИРАИ УМУМИИ ШОИРОНИ АСРИ XVIII (ДАР МИСОЛИ ҲАВЗАИ АДАБИИ ҲИНД)

# ХАРАКТЕРИСТИКА ОБЩЕЙ АНТОЛОГИИ ПОЭТОВ XVIII ВЕКА (НА ПРИМЕРЕ ИНДИЙСКОЙ ЛИТЕРАТУРНОЙ СРЕДЫ)

# CHARACTERISTICS OF THE GENERAL ANTHOLOGY OF POETS OF THE XVIII THE CENTURY (ON THE EXAMPLE OF THE INDIAN LITERARY ENVIRONMENT)

**Qurbonalieva Maxfirat Sa'dulloevna**[1]
[1]Сармуаллими кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз (PhD).

***Annotatsiya***

*XVIII-asr tazkiralari fors-tojik adabiyotining adabiy tanqidchiligida qimmatli yirik yozma yodgorliklar hisoblanib, bu davr adabiyoti tarixini ўrganishda ham ishonchli va ham ahamiyatli manba bўlib xizmat qiladi. Maqolada tazkiralar eng avvalo, shoirlar hayoti va ijodi haqida aniq va ishonchli ma'lumotlar beruvchi qimmatli manba sifatida rivojlanganligi e'tirof etilgan.*

*XVIII asr umumiy tazkiralari tarkibiy qismlarning uyg'unligi va ўxshashligi bilan bir qatorda ularning har biri ўziga xos xususiyatlari bilan yaratganligi tadqiq etildi. Tadqiqotda bu davr tazkiralari faqatgina adabiyot va adabiyotshunoslik masalalarni yoritib beruvchi manba bўlib qolmay, balki tarixiy, madaniy, ijtimoiy-axloqiy kabi masalalarni ham tadqiq etuvchi va yorituvchi qimmatli manba sifatida kўrsatib berilgan.*

***Аннотатсия***

*Тазкираҳои асри XYIII дар таърихи нақду сухансанҷии форсу тоҷик қимати баландеро соҳиб буда, дар омӯзиши таърихи адабиёти ин давра ба ҳайси сарчашмаи муътамад хизмат мекунанд. Дар мақола ҳам тазкираҳо, пеш аз ҳама, ҳамчун сарчашмае, ки дар онҳо роҷеъ ба зиндагӣ ва осори шуаро маълумоти сареҳ ва равшан ба даст оварем, баррасӣ мешавад.*

*Тазкираҳои умумии асри XYIII нишон медиҳанд, ки баробари ҳамоҳангӣ ва монандии ҷузъӣ, ҳар яке аз онҳо бо усули вижаи нигориш тадвин ва таҳия шудаанд. Арзиши сарчашмавии тазкираҳо дар доираи масъалаҳои адабиёт ва адабиётшиносӣ мунҳасир нагардида, балки дар шинохт ва таҳқиқи масоили таърихӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва иҷтимоиву ахлоқӣ низ дида мешавад.*

***Аннотация***

*Антологии XVIII века считаются ценными крупными письменными памятниками в литературной критике персидско-таджикской литературы и служат как надежным, так и значимым источником при изучении истории литературы этого периода. В статье говорится, что антология развивалась прежде всего как ценный источник, предоставляющий точные и достоверные сведения о жизни и творчестве поэтов.*

*Наряду с гармонией и сходством составных частей общих антологий XVIII века исследовано, что каждый из них был создан со своими уникальными характеристиками. В исследовании антологии этого периода указывается, что литература и литературоведение являются не только источником, раскрывающим проблемы, но и ценным источником, исследующим и освещающим исторические, культурные, социально-нравственные вопросы.*

***Absract***

*Anthologies of the XVIIIth century are considered valuable major written monuments in the literary criticism of Persian-Tajik literature and serve as both a reliable and significant source in the study of the literary history of this period.The article states that the anthology developed primarily as a valuable source providing accurate and reliable information about the life and work of poets. Along with the harmony and similarity of the components of general anthologies of the XVIIIth century, it is explored that each of them was created with its own unique characteristics. The study of the anthology of this period indicates that literature and literary criticism are not only a source that reveals problems, but also a valuable source that explores and illuminates historical, cultural, social and moral issues.*

***Kalit so'zlar:*** *Tazkira, tazkiranavislik, XVIII asr, umumiy tazkiralar, hind adabiy muhiti, adabiyot masalalari.*
***Вожаҳои калидӣ:*** *Тазкира, тазкиранигорӣ, асри XYIII, тазкираҳои умумӣ, ҳавзаи адабии ҳинд, масъалаҳои адабиёт.*
***Ключевые слова:*** *Антология, XYIII века, общих антологи, индийская литературная среда, проблемы литературы*
***Key words:*** *Anthology, XVIIIth century, general anthology, Indian literary environment, literary issues.*

## МУҚАДДИМА

Азбаски адабиётшиносони асрҳои миёна фикру ақоиди хешро дар бораи таърихи адабиёти форсу тоҷик ва намояндагони он дар тазкираҳо мундариҷ намудаанд, ин навъи сарчашма дар таҳқиқ ва омӯзиши мушаххаси давраҳои гуногуни таърихи адабиёт аҳамияти муҳим дорад. Метавон гуфт, яке аз бузургтарин хидматҳои адибони гузаштаи мо нисбати шеъру адаби форсӣ ин таълифи даҳҳо тазкира аст, ки бидуни онҳо таърихи адабиёти форсу тоҷик дар паҳнову жарфои худ тасаввурнопазир мебошад. Яке аз он иқлимҳое, ки анъанаи тазкиранависии форсӣ густариши беш аз пеш пайдо кард, Ҳиндустони асрҳои XYI-XYIII буд. Асрҳои XYI-XYIII аз саҳифаҳои рахшони тазкиранависии форсӣ дар Ҳиндустон ба шумор меравад, зеро аксари тазкираҳои форсии ин давра дар ин сарзамин таълиф ёфтаанд. Аз он ҷумла, «Равзат-ус-салотин» ва «Ҷавоҳир-ул-аҷоиб»-и Фахрии Ҳиравӣ, «Нафоис-ул-маосир»-и Алоуддавлаи Қазвинӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Миръот-ул-хаёл»-и Шералихони Лудӣ, «Каламот-уш-шуаро»-и Муҳаммадафзали Сархуш, «Сафинаи Хушгӯ»-и Биндробандоси Хушгӯ, «Майхона»-и Фахруззамон Абдуннабии Қазвинӣ, «Наштари ишқ»-и Ризоқулихони Азимободӣ, «Хизонаи омира», «Тазкираи уламои Ҳинд», «Сафинаи Ҳиндӣ»-и Бҳагвандоси Ҳиндӣ, «Махзан-ул-ғароиб»-и Ҳошимии Синдилавӣ, «Маҷмаъ-ун-нафоис»-Сироҷуддин Алихони Орзу, «Тазкираи шуарои Панҷоб»-и Сарҳанг Хоҷа Абдуррашид, «Мақолот-уш-шуаро», «Шамъи анҷуман», «Натоиҷ-ул-афкор», «Суҳуфи Иброҳим», «Гули раъно»-и Лачҳмӣ Наройин Шафиқ ва ғ. дар шумори тазокири машҳури ин давраҳо қарор доранд.

## МЕТОДҲО ВА ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Хусусияти муҳими тазкиранигории давраи мазкур дар он зуҳур мекунад, ки муаллифони баъзе аз тазкираҳо («Базморо», «Ҳафт иқлим» ва ғайра) ба ғайр аз зикри шуарои аҳди темурия, шоирони мутақаддимро низ дар тазкираҳои хеш шомил кардаанд. Ба ин нисбат аст, ки муаллифи китоби тазкиранависии форсӣ дар Ҳинду Покистон Алӣ Ризо Нақавӣ тазкираҳои ин аҳдро на танҳо маъхазу манбаи бисёр муфиде дар тадвини шеъри форсӣ дар замони Темуриёни Ҳинд меҳисобад, балки то ҳадди оинаи тасаввур ва таҳаввули шеъри форсӣ аз замони қадим то замони Темуриёни бузурги Ҳинд меномад [6, 89]. Гурӯҳи дигари тазкираҳои ин аҳд бошанд, вобаста ба масоили интихоби ашъор ва ҷанбаҳои дигари ин масъала имтиёз доранд. Аз он ҷумла, муаллифони «Бутхона», «Хулосат-ул-ашъор», «Майхона» бештар ба хулоса намудани девони шуаро эҳтимом варзида, бар он кӯшидаанд, ки ашъори беҳтарини онҳоро ба тазкираҳои хешвуруд намоянд, бинобар ин, Нақавӣ менависад: «…касе, ки ба ашъори хуби шуарои мутақаддим алоқаманд аст, дигар эҳтиёҷ ба доштани девони онҳо надорад» [1, 12]. Дар Мовароуннаҳр бошад, вазъи навиштани тазкираҳо ранги дигаре дошт. Чунин ҳолати гусаста шудани суннати тазкиранависиро баъзан ба инқирози ҳаёти маданию адабӣ вобаста мекунанд, воқеан дар Осиёи Миёна, пас аз таълифи тазкираи «Музокир-ул-аҳбоб»-и Малеҳои Самарқандӣ (соли таълифаш 1792), то таълифи тазкираи «Тазкират-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (соли таълифаш 1871) дар зарфи қариб 160 сол тазкиранависӣ гӯё тамоман қатъ гардид (3, 22). Албатта, яке аз сабабҳои ин ҳолат ба шароити ниҳоят вазнини ҳаёти иқтисодию сиёсии мамлакат вобаста аст. Дар натиҷаи буҳрони сахти иқтисодию сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ ва махсусан, дар аморати Бухоро барои ривоҷу равнақи адабиёт шароит вуҷуд надошт ва қувваҳои адабӣ дар парешонию парокандагӣ буданд.

Бар асари вуҷуд надоштани тазкираҳои анъанавӣ, то солҳои охир адабиёти ин давр ҳаматарафа омӯхта нашуда буд. Муҳаққиқон бидуни ягон ишора ё маълумоти тазкира аз захира ва феҳристи дастнависҳо ном ва осори адибони ҷудогонаи ин даврро пайдо намуда, чанде тадқиқ ва таҳқиқоте анҷом додаанд.  Чунончи, дар солҳои охир дар натиҷаи ҷустуҷӯи маъхазҳои адабиёти ин давра «Мазҳар-ул-мусаннифин» ном асари Муҳаммадамин ибни Нурмуҳаммади Насафӣ пайдо гардид. Ин асар барои омӯхтани баъзе лаҳзаҳои муҳити адабии Насаф, Бухоро ва Самарқанди миёнаҳои асри XYIII маълумот медиҳад. «Маҳзар-ул-мусаннифин»-ро бори аввал ба аҳли илм В.А. Абдуллоев шинос намудааст [6, 22].

Барои омӯхтани адабиёти асри XYIII дар тазкираҳое, ки дар асри XIX ва ибтидои асри XX таълиф шудаанд, аз ҷумла дар «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ [3, 151], «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқи Ҳашмат [7, 114], «Афзал-

ут-тазкор фӣ зикри-уш-шуаро ва-л-ашъор»- Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ [7, 114] ва «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам [7, 114] маълумот ва санадҳои муҳимме дастрас мешавад.

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Мо барои таҳқиқу баррасии тазкираҳои қарни мазкур бештар такя бар адабиёти форсизабони Ҳиндустон намудем, зеро ағлаби тазкираҳое, ки барои таҳлил интихоб намудем, ба қалами тазкиранигорони ҳавзаи адабии Ҳинд мутааллиқ аст. Дар дарбори ҳукмронии подшоҳони шеърдӯсту адабпарвари Темуриёни Ҳинд давраи камолу қудрат ва нуфузи забону адабиёти форсӣ дар ин сарзамин маҳсуб мегардад. Дар натиҷа доманаи забони форсӣ ба ҳадде фарох гардид, ки Саид Нафисӣ мегӯяд: «Дар ду сулс дар Ҳиндустон забони форсӣ ривоҷ ёфт» [12, 572]. Маҳз зери ҳимояту таваҷҷуҳи хоси эшон дар заминаҳои мухталифи адаб наҳзати азим падид омад, даврони салтанаташон ба марҳилаи ҷилваи зебои офтоби адаб ва фарҳангу илми форсӣ дар қаламрави Ҳинд табдил ёфт. Чунонки шоир ва донишманди эронӣ Муҳаммад Тақии Баҳор менависад, дар давраи Темуриёни Ҳинд «ривоҷи забон ва адабиёти форсӣ дар дарбори Деҳлӣ зиёд аз дарбори Исфаҳон будааст» [4, 257].

Забеҳуллоҳ Сафо низ дар ин маънӣ мегӯяд, ки аҳди Темуриёни Ҳинд «бе ҳеҷ гуна тардид яке аз беҳтарин давраҳои тарвиҷи забон ва шеъри форсӣ дар сарзамини Ҳинд ва аҳди ташвиқу тарғиби муаллифону нависандагон ва шоирони порсигӯй ба ҳадди аълои имкон дар саросари даврони таърихи адабии форсист ва дигар ҳеҷ гоҳ назире наёфт ва нахоҳад ёфт» [13, 8].

Донишманди дигари эронӣ Шаҳриёри Нақавӣ низ дар асари худ «Фарҳангнависии форсӣ дар Ҳинду Покистон» дар ин мавриди чунин овардааст: «Эҳтимоме ки дар кишвари Ҳиндустон нисбат ба забону адабиёти форсӣ, махсусан дар қисмати фарҳангнависӣ ва тазкират-уш-шуаро мабзул шуда, чандин баробари корест, ки худи эрониён дар ин бора анҷом додаанд… Хидмати Ҳинду Покистон ба забону адабиёти форсӣ назири хидмате бошад, ки эрониён ба забону адабиёти араб анҷом додаанд, ки ҳазор мартаба бештар аз худи арабҳо дар ин замина кору кӯшиш карда ва китоб навиштаанд» [5, 6].

Тазкираҳои мавриди баррасӣ дар ин таҳқиқ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: хусусӣ ва умумӣ. Инак ба баррасии чанд тазкираҳои умумӣ, ки дар асри 18 дар минтақаи Ҳинд нигошта шудаанд, мепардозем:

Тазкираи «Маҷмаъ-ул-фузало»-и Хоҷа Муҳаммад Бақои Орифи Бухороӣ аз аҳвол ва осори шуарои нимаи дувуми қарни X ва аввали қарни XI ҳ.қ. маълумот медиҳад. Ин тазкира муштамил бар муқаддима, се фирқа ва хотима аст. Муқаддимаи ин тазкира дар зикри суханварони араб аст.

Фирқаи аввал доир ба фузалову шуарое мебошад, ки аз ибтидои зуҳури Рӯдакӣ то замони зуҳури Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ зиндагӣ ва эҷод намудаанд. Дар фирқаи дувум маълумот аз Ҷомӣ ва фузалои он рӯзгор то замони Мавлоно Абдурраҳмони Мушфиқӣ, ки ҳар яке дар аҳди худ нодираи рӯзгор буданд, марқум аст. Фирқаи савум аз зикри авсофи акобир буда, хотима дар зикру баёни шоиронест, ки назмашон номавзун ва мутаназзимони аз назм берун аст. Тазкираи мазкур низ ҳамчун сарчашмаи муътамад дар адабиёти форсу тоҷик аҳамияти зиёдеро бархурдор аст [11, 244].

Тазкираи «Маҳак-уш-шуаро»-ро Муҳаммадсолеҳ Шомлуи Хуросонӣ дар охири қарни 18 дар Аллоҳободи вилояти Синд (Ҳиндустон) таълиф кардааст. Шарҳи ҳол ва намунаи ашъори 181 нафар шоирони форсизабони Ҳиндустон ва Эронро дар бар мегирад. Тазкира бо зикри Фатҳалишоҳи Қоҷор [1797-1844] оғоз гардида, бо номи Мирзо Висолии Шерозӣ анҷом ёфтааст. Аксар шуарои дар тазкира зикрёфта ҳамаср ва қисмашон дӯстони муаллиф будаанд. Бо вуҷуди ин, дар тазкира маълумоти тарҷумаиҳолӣ мухтасар ва умумист. Намунаҳои ашъори як идда шоирон аз 2-3 байт иборат мебошад. Муаллиф шарҳи ҳоли Фатҳалишоҳ ва як гурӯҳ шоирон, аз қабили Нишоти Исфаҳонӣ, Тоири Шерозӣ, Фозилхони Совӣ, Бисмил, Найири Шерозӣ, Сабои Кошониро нисбатан муфассалтар дода, аз эҷодиёти онҳо аз 60 то 2700 байт намунаҳо овардааст.

Аксар шоирони дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» зикрёфта дар тазкираҳои давраи мавриди баҳси Эрону Ҳиндустон дучор меоянд. Баробари ин, як қисм шоирон, махсусан шоирони

форсизабони давраҳои охири Ҳиндустон дар ҳеҷ яке аз тазкираҳои дигар ба назар намерасанд.

Сабки нигориши «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» дар муқаддима ва баёни шарҳи ҳоли подшоҳ, шоҳзодагону амирон ва инчунин пораҳои дар тавсифи баъзе шоирони маъруфи он давра овардашуда маснӯъ аст. Мураттиб аз санъати саҷъ низ истифода бурдааст.

«Маҷмаъ-ул-фусаҳо» то ҳол ба табъ нарасидааст. Нусхаи ягонаи он дар китобхонаи Малики Теҳрон маҳфуз аст [11, 128].

Тазкираи «Сафинаи Хушгӯ»-и Биндробан Доси Хушгӯ маҳсули муҳити илмӣ-адабии аҳди Темуриёни Ҳинд ба шумор меравад, ки муштамил ба се қисмат буда, дар қисмати савуми он зикри аҳвол ва осори шоирони форсизабони асрҳои XYII-XYIII Ҳиндустон ба қалам омадааст. «Сафина»-и Хушгӯ тазкираи муътамад дар шинохти адабиёт ва нақду сухансанҷии форсизабони Ҳиндустон буда, дар шакли наср дар се муҷаллад навишта шудааст.

Дафтари аввали он шомили 362 нафар шуарои аҳди қадим аз Рӯдакӣ то Кофӣ Зафари Ҳамадонӣ мебошад.

Дафтари дувуми тазкира ба зикри шуарои асримиёнагӣ ихтисос дорад. Дар муайян намудани шуарои шомили ин дафтар ихтилофи назар мавҷуд аст. Шпренгер дар зикри 575 нафар шоири асримиёнагӣ аз Абдурраҳмони Ҷомӣ то Аҳмадбек будани онро таъкид менамояд. Эте ва Сторӣ бошанд, ҷонибдори ин ақидаанд, ки дар муҷаллади дувуми тазкира зикри 811 шоири асримиёнагӣ аз Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ то Мавлоно Шугунӣ омадааст [5, 155].

Дафтари савуми тазкира аз ду қисмат иборат мебошад. Қисмати аввали он аҳвол ва осори 17 шоирро, ки зикраш дар дафтари дувум низ рафтааст, фаро мегирад. Аз ҷумла, муаллиф рӯзгор ва осори Фитрат, Ҳусайнӣ, Бобо Муҳаммадалии Исфаҳонӣ, Шавкати Бухороӣ ва ғайраҳоро дар ин қисмат мундариҷ кардааст.

Қисми дувуми дафтари савуми тазкира, ки ба унвони дафтари солис ё қисми савум машҳур аст, дар бораи аҳвол ва осори 245 тан аз шуарои муосири Хушгӯ маълумот медиҳад. Қисмати мазкур аз Носиралии Сарҳиндӣ оғоз гардида, бо Муншӣ Сарабсингх мутахаллис ба Хокистар хатм мегардад.

Қисмати савуми тазкира хеле нодир ва камёфт буда, ягона нусхаи онро Озоди Балгиромӣ дар соли 1182 (1768-69) китобат намудааст. Нусхаи мазкур айни ҳол дар китобхонаи Машриқияи Патна маҳфуз аст. Ҳамин тариқ, маҷмӯа се дафтари тазкираи Сафинаи Хушгӯ фарогири аҳвол ва осори 1418 тан шуаро мебошад, ки аз Рӯдакӣ шурӯъ гардида, бо Муншӣ Сарабсингх мутахаллис ба Хокистар хатм мешавад [5, 130].

Тазкираи «Маҷмаъ-ун-нафоис»-и Сироҷуддин Алихони Орзу дар соли 1163-1750 таълиф шудааст. Тазкира тазкираи умумист ва муштамил бар тароҷими мухтасар ва мунтахаботи муфассал дар ҳудуди 40 ҳазор байт аз шуарои қадим аз Абӯязиди Бастомӣ то Маҳаммадашрафи Яктои Кашмирӣ мебошад. Теъдоди шуарои он дар феҳрасти Бонкипур 1736 ва ба қавли Ашпарнагар 1419 нафар аст. Сироҷуддин Алихони Орзу дар сабк ва сиёқи ҳиндӣ шеършинос ва наққод буд. Бинобар ин, ӯ ба салиқаи худ дар бораи соҳибони тароҷим изҳори назар кардааст, ки дар шинохти шеъри онҳо аҳамияти муҳим дорад. Ӯ гоҳ-гоҳ худро дар тасрифи ашъор дониста, навиштааст, ки «… чунин мегуфт беҳтар буд». Дар зайли номи худ ба миқдори 700 байт шеър овардааст. Дар зикри ашъори дигарон низ ашъори худро овардааст. Тарҷумаи муосирон қисмати асосӣ ва асили ин тазкира аст. Маъхазе, ки дар дебочаи ин тазкира омадааст, иборот аст аз «Тӯҳфаи Сомӣ», «Арафот-ул-ошиқин», «Тазкираи Насрободӣ» ва «Каламот-уш-шуаро»-и Сархуш мебошад [9, 158].

Тазкираи «Мунтахаб-ул-ашъор»-и Мардон Алихони Мубталои Машҳадӣ дар соли 1161-1748 таълиф гардидааст. Шомили тароҷумаи ҳоли 711 шоири қадим ва ҷадид аст, ки бо Аҳлии Шерозӣ шурӯъ мешавад ва бо Яктои Ҳиндӣ (Торо Чанд) поён меёбад. Дар сабаби таълиф гӯяд, ки аз оғози аҳди ҷавонӣ аз шеър лаззат мебурд ва пайваста шуароро мутолиа мекард, ашъори ба назараш хубро ҷамъ мекард ва ҳамин кор тадриҷан сабаби пайдоиши чунин асар гардид. Маълумоте, ки дар тазкира омадааст, ғолибан мухтасар ва нигориши содда дорад [9, 304].

Тазкираи «Нағмаи андалеб»-и Муҳаммад Ризои Таботабоӣ мутахаллис ба Наҷм дар соли 1161-1748 таълиф шудааст. Вай ин китобро ба номи Алишоҳ Султон таълиф карда ва муштамил аст бар ду равза ба шарҳи зайл:

Равзаи аввал:

1. Баҳс дар бораи дастури форсӣ;

2.Дар анвои шеъри форсӣ;

3.Дар саноеъи шеърӣ;

4.Дар вазн, қофия ва радиф;

5.Зикри мухтасари 40 шоири мутақаддим ва мутаахирин ва муосир ба тартиби ҳуруфи таҳаҷҷӣ.

Равзаи дувум тақсим шудааст ба ду ҳадиқа: ҳадиқаи аввал дар мусиқии юнонӣ, ҳадиқаи дувум дар мусиқии ҳиндӣ. Ин тазкира бештар дар бораи шоирони муосири ҳинду маълумот медиҳад [9, 360].

Тазкираи «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ тазкираи таърихӣ ва ҷуғрофӣ мебошад. Он муштамил бар зикри билоде, ки ҷузви ақолими сабъа аст, бо тарҷумаи ҳоли 1560 нафар аз шуаро ва урафо ва фузало ва умарову салотин аст. Муаллифи он гоҳе бо ихтисору ва гоҳе батафсил ин китобро дар муддати шаш сол дар Ҳиндустон таълиф карда, «Ҳафт иқлим» номгузорӣ кардааст.

Оғоз: Хурд ҳар куҷо ганҷе орад падид,
Ба номи Худо созад онро калид.
Анҷом: Буд аз мулки маънӣ ошноӣ,
Кунад одам бо ихлос дуое [9, 410].

Тазкираи «Яди байзо»-и Мир Ғуломалӣ Озоди Балгиромӣ дар солҳои 1145-1148/1732-1735 таълиф шудааст. Тазкираи умумиест, ки нахуст муштамил бар зикри 532 тан шоири қадим ва ҷадид буда, ба тартиби ҳуруфи форсӣ аз Афзалуддини Кошӣ то Мирмуҳаммад Юсуфи Балгиромиро дар бар мегирифт. Баъдан муаллиф онро мансух гардонида, теъдоди шуарои «Яди байзо»-ро ба 1359 нафар расонидааст, ки бо Абулҳусайни Шаҳиди Балхӣ оғоз мешавад.

Муаллифи тазкира роҷеъ ба тадвини дувум менависад: …пеш аз ин ба хидмати мавзунони салафу халаф пардохтам ва тазкираи шуарои мусаммо ба яди байзо муҳаррар сохтам, аммо он нусха нақши ангора ва тасвири тангора буд. Лаҳзае баъд аз фароҳам расидани бархе аз мавод ранги ислоҳи он қарор гирифт ва нусхаи навбатӣ аз нусхаи пешин бисёр беҳтар баромад. Тазкираи мазкур таълиф дар аҳволи шуарои салаф ва халаф ва аввал ин китобро дар Систон мулки Синд таълиф кардааст. Сипас нусхаҳои он соир шуд. Баъди ба диёри хеш баргаштан он нусхаро мансух сохтам [9, 420].

Тазкираи «Анис-ул-ахбор»-и Моҳан Лал мутахаллис ба Анис дар соли 1197-1783 навишта шудааст. Дар мавриди сабаби таълиф муаллиф дар муқаддима чунин тавзеҳ додааст: Махфӣ намонад, ки тазкиранавис Моҳан Лал Анис дар таълифи ин тазкира маводҳоро аз шогирдон гирдоварӣ кард. Ин тазкира тазкираи мухтасар буда, муштамил бар зикри 50 шоир бидуни ҳеҷ тартиби махсусе. Ин тазкира дар шарҳи ҳол ва ашъори Мирзо Фохири Макин устоди муаллиф ва шогирдони ӯ ва ҳамчунин ашъори шуарои Исфаҳонро ҷамъоварӣ кард». Асар шомили муқаддима ва ду боб аст. Боби аввал шомили зикри 33 шоири мусалмон, ки аввалашон Мирзо Азимоми Иксири Исфаҳонӣ ва охираш Мир Нуралии Восилӣ ба итмом мерасад, боби дувум шомили зикри 6 шоири ҳинду аст, ки бо Свараб Сингхи Девона оғоз шуда, бо Моҳан Лал Анис ба итмом мерасад. Илова бар ин, муаллиф дар хотима зикри 11 шуароро овардааст, ки онҳо шогирдони Макин буданд [10, 350].

Тазкираи «Хулосат-ул-калом»-и Алӣ Иброҳимхон, тахаллусаш Халил ва лақабаш Нуввоб Аминуддавла Азизулмулкхон Баҳодур Носирҷанг аст. Муаллиф таълифи ин китобро дар соли 1187-1773 оғоз карда, соли 1198-1784 ба итмом расонидааст. Ин тазкира муштамил аст бар зикри аҳвол ва ашъори 78 шоири ба тартиби алифбо аз рӯи ҳуруфи аввали исм ё тахаллуси шоир дар ду ҷилд ва ҷилди аввали он бо устоди шуаро ҳаким устоди Тӯсӣ оғоз гардида, бо Ҷамолуддини Замирӣ ба итмом мерасад. Ҷилди дувум бо Мулло Туғрои Машҳадӣ оғоз гардида, бо Яҳёи Кошӣ тамом мешавад. Дар дебочаи китоб

муаллиф дар бораи таърифи шеър ва алоқаи худ ба шеърро шарҳи муфассал овардааст [10, 356].

Тазкираи «Маҷмӯаи ишқ ё чор чаман»- таълифи Ғулом Муҳиддини Ишқ дар соли 1178-1764 мураттаб кардааст. Тазкира тазкираи умумӣ буда, дар 1270 сафҳа, ки тароҷими шуаро дар он ба тартиби ҳуруф мазкур аст ва «боғи гулҳои ҳусн» моддаи таърихии хатм мебошад. Нусхаи дастнависи муаллиф дар китобхонаи Алигарҳ маҳфуз аст.

Шайх Ғулом Муҳиддини Қурайшии Миртаҳӣ, мутахаллис ба Мубтало дар аввал Ишқ ва сонӣ фарзанди Шайх Неъматуллоҳ мутахаллис ба Нағма аст. Шоириро аз падараш ба мерос дорад, дар 12-солагӣ дар танзими девонаш ёрӣ карда ва худ ду девон дорад. Яке бо тахаллуси Мубтало, дигаре ба тахаллуси Ишқ.

Дар ҷавонӣ майли тирандозӣ дошта, вале ҳаргиз аз мутолиаи китоб ғафлат намеварзид. Дар соли 1170-1756, ки Шоҳ Олам ба Деҳлӣ рафт, вай бо яке аз дарбориён, ки номаш Иброҳимбек мухотаб ба Нуввоб Наҷафхон ва мутахаллис ба Олим буд, ошно ва дӯст шуд. Бо пешниҳоди ӯ тағйири тахаллус карда ва ҳам бо хоҳиши вай маснавии «Найрангҳои ишқ»-ро таълиф намудааст.

Тазкираи «Мунтахаби Ҳоким»-и Абдулҳаким Ҳокими Лоҳурӣ дар соли 1161-1748 таълиф гардидааст. «Мунтахаби Ҳоким» тазкираи мутасарест, ки шарҳи ҳол ва намунаҳои ашъори якчанд шоирону адибони муосири Ҳоким-Офарини Лоҳурӣ, Ғуломалии Озод, Умед, Сироҷуддин Алихони Орзу, Мир Абдулҳай ва Шайх Муҳаммаднурро дар бар мегирад. Тазкираи «Мунтахаби Ҳоким» дар асоси тазкираи «Маҷмаъ-ун-нафоис»-и Орзу бо баъзе иловаҳо- афзудани шарҳи ҳолу намунаҳои якчанд шоири дигар таълиф гардидааст. Ҳоким баъди тазкираи «Мунтахаби Ҳоким» бо таълифи тазкираи дигараш - «Мардуми дида» пардохта, аксар маълумотро муфассалтар шарҳ додааст. Аз тазкираи «Мунтахаби Ҳоким» то замони мо ду нусхаи дастнависи ноқису номукаммал боқӣ мондааст [11, 184].

## ХУЛОСА

Таҳқиқ ва вижагиҳои тазкираҳои асри XYIII нишон медиҳад, ки ин асарҳои гаронмоя ва арзишманд дар таърихи накду сухансанҷии форсу тоҷик қимати баландеро соҳиб буда, бавижа дар омӯзиши таърихи адабиёти ин давра ба ҳайси сарчашмаи муътамад хизмат мекунанд. Дар баробари ин, ҳамаи тазкираҳо анқариб бо муҳтавои фарогири хеш дар таърихи фарҳангнигорӣ ва адаби форсӣ аз дастовардҳои ғании адабӣ ва фарҳангӣ маҳсуб мегарданд. Арзиши муҳимтарини тазкираҳо, пеш аз ҳама, дар он тазоҳур менамояд, ки дар онҳо метавонем роҷеъ ба зиндагӣ ва осори аксари шуарои давр маълумоти сареҳ ва равшан ба даст оварем. Зеро ағлаб маълумоте, ки муаллифон дар тазкираи хеш овардаанд, дар заминаи муоширот бо адибон ба қалам омада, воқеияти афзун доранд.

Тазкираҳои асри XYIII нишон медиҳанд, ки баробари ҳамоҳангӣ ва монандии ҷузъӣ, ҳар яке аз онҳо бо усули вижаи нигориш тадвин ва таҳия шудаанд. Муаллифон кӯшидаанд, ки бо тарзи мақбули табъи хеш намояндагони адабиёти форсии қарни XYIII-ро ба таври кофӣ муаррифӣ намоянд. Дар маҷмӯъ, лозим ба ёдоварист, ки ин сарчашмаҳо манбаи боэътимоди омӯзиши адабиёти қарнҳои XYII-XYIII –и форсу тоҷик буда, фарогири маводи хеле ғанӣ доир ба адабиёт, фарҳанг, муносибати адабӣ ва масъалаҳои муҳими марбут ба адабиёти ин давра мебошанд. Гузашта аз ин, арзиши сарчашмавии тазкираҳо дар доираи масъалаҳои адабиёт ва адабиётшиносӣ мунҳасир нагардида, балки дар шинохт ва таҳқиқи масоили таърихӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва иҷтимоиву ахлоқӣ низ доманаи фарох пайдо мекунад. Аз ин ҷиҳат тазкираҳо қадршуданӣ буда, арҷи маънавӣ ва сарчашмавии онҳо дар адабиётшиносии форсӣ хеле бузург аст.

**КИТОБНОМА**

1. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил. –Сталинобод, 1954. –340с. (Aini, Sadriddin. Mirza Abdul Qadir Bedil. - Stalinabad,-1954-340 p.)
2. Бертелс, Е.Э. История персидско-таджикской литературы. – Москва: Наука, 1965. –524с. (Bertels, E.E. E.E. History of Persian-Tajik literature.- Moscow: Nauka,1965.-524p.)
3. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб. – Тошканд, 1914. –151с. (Clear, Qari Rahmatullah. Tuhfat-ul-Ahbab fi Tazkirat-il-Ashab. - Tashkent, 1914.-151p.)
4. Гаффорова З.А. Ташаккул ва инкишофи адабиёти форсизабони Кашмир
дар асрҳои XYI-XYIII. –Хуҷанд, 2001. –574с. (Fafforova Z.A. The formation and development of Kashmiri Persian literature in the XYI- XYIII centuries. - Khujand, 2001. -574 p.)

5. Гаффорова З.А. Тазкираҳои Сархуш ва Хушгӯ ҳамчун сарчашмаи нақду сухансанҷӣ. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. –280с. (Fafforova Z.A. Sarkhush and Khushgu's paintings as a source of cash and speech. – Khujand Light of Enlightenment, 2001.-280 p.)
6. Каримов Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асрҳои XYIII ва авали асри XIX. – Душанбе: Дониш, 1974. –189с. (Usman Karimov. Tajik literature in the second half of the XYIII th century and the beginning of the XIX th century. - Dushanbe: Donish, 1974.-189 p.)
7. Каримов У., Ҳодизода Р., Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асрҳои XYI-XIX ва ибтидои асри XX. – Душанбе: Маориф, 1988. –414с. (Karimov U., Hadizoda R., Saadiev S. Tajik literature in the XYI- XIX th centuries and the beginning of the XX th century. -Dushanbe: Education, 1988.-414 p.)
8. Каримов У. Мирзо Содиқи Муншӣ (аҳвол ва осор). –Душанбе: Дониш,
1972. –187с. (Karimov U. Mirza Sadiq Munshi (condition and traces). Dushanbe: Donish, 1972.-187 p.)
9. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Таърихи тазкиранигории форсӣ. Ҷ.2. –Теҳрон:
Донишгоҳи Теҳрон, 1350. –875с. (Maoni, Ahmed Gulchin. History of Persian painting. J.2. -Tehran: University of Tehran, 1350. -875 p.)
10. Мирзоев Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XYI - XIX ва ибтидои асри XX). – Сталинобод: Нашр. дав. Тоҷ., 1950. (Mirzoev Kh. Materials from the history of Tajik literature (XII - XIX centuries and the beginning of the XX century). -Stalinabad: Publication. run Taj.,1950.)
11. Нақавӣ, Саид Алӣ Ризо. Тазкиранависии форсӣ дар Ҳинду Покистон. – Теҳрон, 1964. –879с. (Naqavi, Said Ali Reza. Persian calligraphy in India and Pakistan. - Tehran, 1964.-879 p.
12. Нафисӣ, Саид. Таърихи назм ва наср дар Эрон ва забони форсӣ. Ҷ. 1-2. – Теҳрон: Фурӯғӣ, 1344. – 1172с. (Nafisi, Said. History of poetry and prose in Iran and the Persian language. J. 1-2. -Tehran: Furughi, 1344.-1172 p.)
13. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. –Теҳрон: Амири Кабир, 1342. –1650с. (Safa, Zabihullah. History of literature in Iran. -Tehran: Amir Kabir, 1342. -1650 s.)